*Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045*
*назди МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"*
*(ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1)*

«Тасдиқ мекунам»
Ректори «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.

«13» 02 2023с.

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**ба диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструмнталӣ) дар иқтисодиёт пешкаш карда шудааст.**

**Мухиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар шароити муосир сайёҳӣ ҳамчун объекти зарурии инкишофёбии муносибатҳои иқтисодӣ арзёбӣ карда мешавад. Ҳадафи асосии рушди сохаи сайёҳӣ дар ташаккули муҳити мусоиди қонеъгардонии эҳтиёҷоти сайёҳон ифода ёфта, таъсисёбии даромадҳои пулиро таъмин менамояд. Дар навбати худ соҳаи сайёҳӣ вазифаи фароҳам овардани шароити мувофикро барои ташаккулёбии инфрасохтори муайяни рақобатпазир равона карда мешавад, ки унсури зарурии таъмини рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин таҳқики соҳаи сайёҳӣ бо дарназардошти амсиласозии рушди он баҳри таъмини рушди босуботи иқтисодии кишвар ва дар ин васила баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳим муқаррар карда шудааст. Дар назария ва амалияи фаъолияти хоҷагидорӣ, усулҳои зиёди баҳодиҳии эконометрикии сатҳи инкишофи соҳаи сайёҳӣ истифода мешавад, ки дар маҷмӯъ ҳамчун таъминоти методии баҳодиҳии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо ва кишварҳо баромад мекунанд. Дар ин радиф таъмини комплексии баҳодиҳии вазъи соҳаи сайёҳӣ ва рушди минбаъдаи он дар асоси амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ мукаммалгардониро вобаста аз хусусиятҳои мамлакат ва минтақаҳои алоҳида муҳим баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин ҷода таҳияи амсилаи эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамият ва саривақтии худро инъикос менамояд.

Бинобар гуфтаҳои боло, қайд кардан зарур аст, ки муҳиммияти мавзӯи диссертатсия бо афзоишёбии эҳтиёҷот ба муносибатҳои нав ба қонуниятҳои ҷараёнҳои рушди маҷмааи сайёҳӣ, таъсири омилҳои гуногун ба ин соҳа, бо такомули чунин таъсирот ба фаъолияти хоҷагидории минтақаҳо алоқаманд буда, мубрамият ва зарурати тадқиқоти илмии Сабуров Ихтиёр Муҳидиновичро ифода менамоянд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт, алалхусус ба қисматҳои: 1.4. Таҳия ва тадқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳо додани микдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ, мувофиқат мекунанд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Дар диссертатсия доир ба муайян намудани ҳадаф, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, ҳалли масъалаҳои гузошташуда, асоснок намудани муқарраротии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия дарҷ гардидаанд, натиҷаи таҳлили назариявӣ, методӣ ва амалии таълифоти сершумори илмӣ вобаста ба амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шудааст, ки саҳми илмии довталабро дар ҳалли масъалаи илмӣ арзёбӣ мекунанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди

истифодабарии маҷмааи сайёҳиро таҳқиқ намуда, роҳҳои баландбардории самаранокии онҳоро дар кишвар таҳия намудааст.

Муаллиф таҳияи модели математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ ва истифодабарии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи муайян таҳқиқ намудааст. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалӣ намоён мешавад, дар нашриётҳои бонуфузи Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ чоп карда шудаанд. Мукарраротии илмии диссертатсия дар асоси ақидаҳои мухталифи олимон-иқтисодчиён доир ба амсиласозии эконометрикӣ дар умум, ва махсусан дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ муайян карда шудаанд.

Муаррифии муаллиф ва шиносоӣ бо матни диссертатсия нишон медиҳад, ки тадқиқоти гузаронидашуда дорои навгонии илмии муайян мебошад. Сабуров И.М. натиҷаҳои тадқиқоти илмии худро ба тариқи маърӯзаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, ҳам дар хориҷи кишвар ва ҳам дар дохили кишвар манзур гардонида, мақолаҳои илмии худро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст.

Мӯҳтавои илмии дар диссертатсия баён гардида, бо дарназардошти усулҳои муосири тадқиқоти илмӣ ифода ёфта, эътимоднокии тадқиқоти гузаронидашударо тавсиф менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои диссертант, таҳияи амсилаҳои эконометрикии рушди соҳаи сайёҳӣ, дар асоси таҳқиқи таҷрибаи дохилию хориҷӣ оид ба амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди соҳаи сайёҳӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Бо истифода аз усулҳои мухталифи тадкикоти иқтисодӣ, дар асоси дуруст муқаррар намудани предмет, объект, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки ба натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ ноил гардад.

**Натиҷаҳои тадқиқот ва навгониҳои илмии диссертатсия**

Натиҷаҳои назаррасӣ илмии диссертатсия бевосита барои таҳияи амсилаи иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир равона шудаанд. Нуқтаҳои асосӣ ва назарраси диссертатсия, ки

ҳамчун унсурҳои навгонии илмӣ баромад мекунанд, дар чунин муқаррарот ифода ёфтаанд:

- табиати мафҳуми сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ бо дарназардошти муносибати истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда муқаррар карда шудааст, ки мутобиқи он таснифоти маҳсулоти сайёҳӣ амалӣ карда шудааст;
- тавсири амсилаҳои иқтисодӣ-математикии оптималикунонии маҷмааи сайёҳӣ ва самтҳои такомули афзорӣ дар рушди сайёҳии минтақа амалӣ карда шуда, усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси рушд ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ, маҷмааҳои сайёҳӣ асоснок карда шудаанд;
- унсурҳои бозории соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ муқаррар ва асоснок карда шуда, муайян карда шудааст, ки ислоҳоти иқтисодӣ дар бахши сайёҳӣ инчунин ҷой доштани таъсири омилҳои мухталиф дар ин соҳа барои таҳияи амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ дақиқ карда шудааст;
- тавсифи математикии масъалагузории рушди маҷмааи сайёҳӣ, муҳити мусоиди ҷалби сармоягузорӣ ва таъсири он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи он амалӣ карда шудааст. Ташаккулёбии захираҳои сармоягузорӣ, шартҳои дастрасии онҳо, хислатҳои тақсимоти он аз рӯйи вақт, аз рӯйи самтҳо ва объектҳо, аз ҷумла маблағҳои худӣ дар шакли қисми фоидаи аз нав маблағгузоришуда ба маҷмааи сайёҳӣ дар амсилаи пешниҳодшудаи иқтисодӣ- математикии оптималикунонии соҳа ба таври пурра фаро гирифта шудааст;
- амсилаи динамикии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ, ки маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад таҳия карда шудааст, ки дар доираи он вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳо барои рушди маҷмааи сайёҳӣ ба назар гирифта шудаанд;
- нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ пешниҳод ва асоснок карда шуда, муқаррар карда

шудааст, ки иқтидори сайёҳии Тоҷикистон ва вазъи воқеии он татбиқи маҷмӯи чораҳоро аз тарафи давлат дар назар дорад.

**Мундариҷаи диссертатсия ва тарафҳои мусбию манфии он**

Сохтори диссертатсияи Сабуров И.М. бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои муқаррааргардидаи таҳқиқот давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Диссертатсия 15 ҷадвал, 6 расм ва замимаро дар бар гирифта, матни он дар 175 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст.

**Дар муқаддима** ҳамчун анъана, муҳимияти мавзӯи тадқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ бо ишора намудани олимони ватаниву хориҷӣ баррасӣ гардида, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот муайян карда шуда, унсурҳои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот, маълумот оид ба интишороти натиҷаҳои тадқиқот ба таври муфассал оварда шудаанд (с. 4-12).

**Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методологии амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳӣ”** моҳияти мафҳум ва махсусияти сайёҳӣ, марҳилаҳои рушди сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳо, усулҳои амсилаҳои тадқиқот ва оптималикунонии рушди сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. (с. 13-54).

Таҳқиқи моҳият ва махсусияти сайёҳӣ ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки оид ба табиати сайёҳӣ хулосаи дуруст барорад, ки дар чунин афкор ифода мeёбад “сайёҳӣ соҳаи махсуси иқтисодӣ аст, ки фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро оид ба пешниҳоди маҷмуи фурӯши молҳо ва хизматрасониҳои сайёҳӣ барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳ, ки дар давраи омодагирӣ ба сайёҳат ва дар рафти сайёҳат (сафар) ба миён меояд, дарбар мегирад” (с. 29). Чунин афкори муаллиф имкон фароҳам овард, ки ба соҳаи сайёҳӣ як тавсифоти хос муайян карда шавад: “Соҳаи сайёҳӣ чун соҳаи иқтисоди миллӣ хусусиятҳои хос дорад. Хизматрасониҳое, ки дар соҳаи сайёҳӣ пешкаш мегарданд, аслан истеҳсоли ин соҳа нест. Аммо аз тарафи сайёҳ, аз ҷумла чун маҳсулот истеъмол мешавад. Хислати хоси соҳа аз ҳамкории фаъолияти пешкашкунанда ва истеъмолкунанда

иборат аст. Ин асоси амалӣ гардонидани воридоти усулҳои муосир ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки объекти сайёҳӣ мол набуда, балки истеъмолкунандаи он аст.” (с. 29).

Ба Сабуров И.М. муяссар гардида аст, ки дар натиҷаи таҳлили марҳилаҳои рушди сайёҳӣ ва хусусиятҳои онҳо давраи асосии инкишофи соҳаро аз соли 1990 то давраи муосир ҷудо намояд. Мутобиқи афкори муаллиф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳӣ чор марҳилаҳо дар бар мегирад (с. 34). Чунин муносибат ба диссертант имкон дод, ки хулосаи дурусти илмиро баён намояд, алалхусус “Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030” соли 2018 қабул гардид. Ҳарчанд дар он имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шудаанд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.” (с. 35) Чунин ақидаи муаллиф ҷолиби диққат мебошад, зеро бе инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ таъмини рушди босуботи соҳа имконнопазир аст. Бинобар ҳамин ҳангоми амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳӣ ҳатман инкишофи инфрасохтори соҳа ба инобат гирифта шуданаш лозим аст.

Дар асоси омӯзиши як қатор амсилаҳои баҳодиҳи рушди соҳаи сайёҳӣ муаллиф мутлақо дуруст қайд менамояд, ки “Варианти вазифаи фаъолкунӣ метавонанд гуногун бошад. Барои ҳар як ҳолати мушаххас интихоб намудани вазифаи худ афзалият дорад.” (с.40).

Дар қисмати сеюми боби мазкур Сабуров И.М. усулҳои амсилаҳои тадқиқот ва оптималикунонии рушди сайёҳиро тадқиқ карда, амсилаҳои мухталифи сайёҳиро гуруҳбандӣ кардааст (с. 43-45). Чунин муносибат имкон фароҳам овард, ки оид ба хусусияти зиёд доштани захираҳо ва омилҳои хусусӣ бо ҳам алоқа ёфтани амсилабандии онҳо мураккаб арзёбӣ карда мешавад, хулосабарорӣ карда шавад. Ба ақидаи муаллиф ҳамаи ин “ба сифати амсила ва дар навбати худ, ба сифати натиҷа низ таъсир мерасонад”. (с. 52). Сабуров И.М. дуруст таъкид менамояд, ки “дар навбати аввал, коркарди амсилаҳои рушди маҷмааҳои сайёҳӣ, аз ҷумла таҷдиди объектҳо, сохтмони объектҳои нав, оптималӣ гардонидани таҷдиди сохторҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва асосан, сохтани сохторҳои нави онҳо

мебошанд. Чунин амалҳо ҳатман бо баробари гирифтани омилҳои бозорӣ иҷро мегардад. Коркарди марказӣ, фазои ягонаи иттилоотии сайёҳон зарур мебошад. Ба назар гирифтани омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ дар сайёҳӣ бисёр муҳим мебошад ва дар ҳар марҳалаи фаъолият аз дуруст ҷобаҷо кардани сохторҳо дар минтақаҳо ва мундариҷаи амсилаҳои иқтисодии маҷмааҳои сайёҳӣ вобаста аст. Ёфтани қимати оптималии ин дар созгор кардани манфиатҳои давлат ва минтақа нуҳуфта мебошад." (с. 53). Бинобар ҳамин дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки "сарфи назар аз истифодаи хеле васеъ ва гуногунҷанбаи усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ, амсилаҳо ва усулҳои оптималӣ гардонидани рушди маҷмааҳои сайёҳӣ такмили минбаъдаро тақозо мекунанд. Чунин коркардҳо, махсусан, дар замони ҳозира аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд." (с. 54).

**Боби дуюми диссертатсия ҳамчун "Амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ"** номгузорӣ карда шуда, дар доираи он меъёрҳои иқтисодии оптималикунонии рушди соҳаи сайёҳӣ, амсиласозии математикии оптималикунонии рушди сайёҳӣ, такомулдиҳии рушди маҷмааҳои сайёҳӣ таҳқиқ карда шудаанд (с. 55-97).

Дар қисмати аввали боби мазкури диссертатсия муаллиф меъёрҳои иқтисодии оптималикунонии рушди маҷмааи сайёҳиро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосабарории дуруст кардааст, ки арзиши муайяни илмӣ мебошад. Алалхусус муаллиф қайд менамояд, ки "инъикоси пурраи рушди маҷмӯи сайёҳиро бо назардошти ҳамгироии он равандҳои нави ташаккули бозори сайёҳӣ таъмин менамояд. Рушди намуд ва шаклҳои сайёҳӣ дар оптималӣ гардонидони фаъолияти сайёҳӣ бояд бартар дониста шавад. Чунин амсилабандӣ истифодаи самараноки захираҳои сайёҳиро таъмин менамояд" (с. 56). Чунин муносибат ба Сабуров И.М. имкон фароҳам овард, ки дар саҳифаи 63 дар муқаррар намудани меъёрҳои иқтисодии оптималикунонии рушди маҷмааи сайёҳӣ коэффитсиенти ҷуфти мувофиқатро бо шакли 2.6 асоснок намуда пешниҳод кардааст. Муаллиф хулосаи илман асоснокшударо баён кардааст, ки агар ду омил барои тағйирёбии ҳосилкунанда дар ҳақиқат муҳим бошад ва байни онҳо робитаи зич ба назар расад,

пас яке аз ин омилҳо бояд аз омӯзиши оянда дар канор монад. Яке аз шарти овардашуда дохилшавӣ ба гурӯҳи тағйирёбии ҳамон омилҳоеро таъмин менамояд, ки ба раванди мавриди омӯзиш таъсири бузурги хешро мерасонад. (с. 65).

Дар қисмати дуюми боби мазкур, муаллиф кӯшиш кардааст, амсиласозии математикии оптималикунонии рушди маҷмааи сайёҳиро амалӣ гардонад. Боиси қайд аст, ки чунин кӯшиш ба Сабуров И.М. имкон дод, ки ба натиҷаҳои мусбат ноил гардида, амсилаи математикии рушди маҷмааи сайёҳиро ба таври функсияи мақсад (2.12) ва маҳдудиятҳои (2.13)-(2.21) пешниҳод намудааст (с. 66-78). Аз амсиласозии математикии ҷараёни рушди маҷмааи сайёҳӣ муайян карда шудааст, ки он ба масъалаи барномасозии квадратӣ вобаста буда, коркарди зиёдро фарогир мебошад ва барои ҳалли он таъминоти барномавии махсус низ коркард шудааст. Амсилаи таҳия карда шуда имконияти амалии баҳодиҳии рушди сайёҳиро доро буда, баҳри идора кардани сармоягузорӣ қобилият дорад, ки тадбирҳои иқтисодӣ ва ташкили тадқиқоти маркетингӣ гузаронида шавад.

Дар қисмати сеюми боби дуюм, тадқиқи муносибатҳои соф бозории соҳаи хизматрасониҳои сайёҳиро муаллиф нишон медиҳад, ки маҷмааи сайёҳии рушдкунанда низоми иқтисодии динамикӣ мебошад ва дар он харҷи маблағҳои гуногунвақта ва натиҷаҳои амалкарди рушд дида мешавад. Аз ин лиҳоз коркарди амсилаи оптималӣ гардонидани давра ба давраи маҷмааи сайёҳиро барои ҳалли чунин гузориши масъала асоснок намудааст.

Яке аз дастовардҳои ин зербоб дар он иборат мебошад, ки дар доираи коркарди амсилаи динамики аз тарафи унвонҷӯ муқаррар карда шудааст, ки “хусусиятҳои хоси минтақавӣ бояд дар барномаи рушд ба инобат гирифта шуда, вобаста аз хизматрасониашон бояд иқтидори захиравии онҳо дар муқоиса ба талабот низ ба инобат гирифта шавад. Ин ҳолат дар ҳама намуди хизматрасонӣ ва ҳама сохторҳои сайёҳӣ вобаста ба талабот бо иқтидори онҳо бояд арзёбӣ гарданд.” (с. 80). Дар ин васила муаллиф дуруст қайд менамояд, ки “дар меъёри динамикии оптималии рушди маҷмааи сайёҳӣ арзёбӣ кардани харҷҳои ҷорӣ ва сармоягузориҳо ба сохтмону таҷдиди объектҳо ва ҳатман киёсҳо бо натиҷаҳои фаъолият дар давраи амалигардонӣ ҷой дода шавад. Барномаи рушди маҷмааи

сайёҳӣ ва баромадани он ба речаи кории оптималӣ вақтро талаб менамояд. Барои киёсмандӣ ҳамаи харҷҳо, натиҷаҳо бояд ба лаҳзаи ибтидоии иҷрои мақсад оварда шаванд.” (с. 85).

Дарки дурусти объект ва предмети таҳқиқот ба Сабуров И.М. шароит фароҳам овард, ки дар ин зербоб амсилаи динамикии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳиро бодараназардошти омилҳои гуногун таҳия намояд, ки ин амсила ба таври функсияи максад (2.59) ва маҳдулиятҳои (2.60) - (2.68) оварда шудааст (с. 86-96). Ҷоиз ба таъкид аст, ки амсилаи иқтисодӣ-математикии аз тарафи муаллиф пешкаш карда шуда хислати динамикӣ дошта, оптималикунонии маҷмааи сайёҳиро фарогир мебошад.

**Дар боби сеюми диссертатсия, ки ҳамчун “Амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд”** номгузорӣ карда шудааст, аз тарафи уновнҷӯ таҳлили нишондиҳандаи тараққиёти маҷмааҳои сайёҳии вилояти Суғд, амсиласозии математикии оптималикунонии рушди сайёҳӣ, рушди динамикии маҷмааи сайёҳӣ ва танзими давлатии рушди сайёҳӣ таҳқиқ карда шудаанд (с. 98-146).

Дар ҳошияи боби сеюм аз тарафи муаллиф маълумоти расмии омории вазъи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои охир таҳлил карда шуда, нишондодҳои ба маҷмааи сайёҳӣ тааллуқ дошта, бо истифода аз усулҳои маъмули тадкиқоти иқтисодӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар ҷадвали 3.1.7. “Нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии соҳаи сайёҳии вилояти Суғд” (с.111) таҳлил карда шудааст ва барои амалкарди амсилаи иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Чунин муносибат ба таҳқиқот аз малакаи кории Сабуров И.М. бо факту рақамҳои аслӣ шаҳодат медиҳад ва боиси қаноатмандӣ мебошад.

Дар зербанди дуюми боб истифодаи амалии амсилаҳои коркардшуда дар маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд тақозо шудааст. Натиҷаи моделронии хислати хоси соҳаи сайёҳӣ нисбатан дарозмуддат будани фосилаи баргаштани маблағгузориро нишон медиҳад. Дар ин ҷода тавсияи муаллиф “ин набояд ҷои ҳарос бошад... рушди сайёҳӣ, чунон ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, арзиши худро ба нархи

маҳсулоти хизматрасонӣ бо ҳиссаҳои хурд, кафолатнок, устувор ва мунтазам мегузаронад" (с.151) ҷоизи қабул мебошад

Афкори муаллиф оид ба "истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, танзими илмӣ-ҳуқуқии иқтисоди ҷомеа, ташкили мониторинги комплексии ҳолати муҳити табиӣ барои дастгирии рушди соҳаи сайёҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ, татбиқи фаъолияти босамар зарур ва саривақтӣ мебошанд. Тараққӣ додани комплекси хоҷагии халқ, ҳифзи мероси табиию маданӣ ва ба вуҷуд овардани базаи иттилоотӣ-техникӣ низ зарур мебошад" (с. 118) муҳим ба ҳисоб меравад.

Тавассути таҳлили ҳаматарафаи нишондиҳандаҳои ширкатҳои сайёҳии фаъолиятбаранда, муаллиф тавонистааст, барои тахассусмандии онҳо бо истифода аз алгоритми расми 3.2.1., (с. 133) гурӯҳбандӣ намояд. Дар натиҷа ширкатҳои сайёҳӣ ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд (с. 134-135).

Дар қисмати охирони боби сеюм, аз тарафи унвонҷӯ самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ таҳқиқ карда шуда, доир ба чораҳои асосии танзими давлатии рушди сайёҳӣ хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд. Махсусан афкори муаллиф оид ба ин масъала чунин қайд карда шудааст "гурӯҳи калони тадбирҳо бояд ба соҳаи ташкили сайёҳӣ равона карда, пеш аз ҳама, ташаккули имиҷи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ва таъмини иштирок дар барномаҳои байналхалқии сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори дохиливу ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани шароит барои истифодаи сермақсади инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст. Сармоягузории бахшҳои давлатию хусусӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ бояд ҳамоҳанг бошанд" (с. 137). Бинобар ҳамин баҳри мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии сайёҳӣ ба масъалаҳои ташкили ширкатҳои гуногунмоликияти сайёҳӣ, шартномаҳои дутарафа ва бисёртарафа бо ширкатҳои сайёҳии хориҷӣ аз самтҳои зарурӣ ба ҳисоб рафта, мутобиқсозии фаъолияти сайёҳӣ бо дигар соҳаи ёрирасон зарур баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда аз тарафи муаллиф коркарди барномаи рушди сайёҳӣ дар сатҳи минтақа бо назардошти вазифаҳои асосӣ амалӣ

карда шудааст, ки чунин вазифаҳоро дар бар мегирад: “бозсозии сохтори соҳавии сайёҳӣ, амалӣ гардонидани таҷдид ва навсозии заминаи моддии сайёҳӣ, омода кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, ободонии шаҳру ноҳия бо назардошти дурнамои сайёҳӣ, амалӣ гардонидани маркетинг дар бозорҳои дохилию беруна, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳӣ; зиёд кардани қисми даромади буҷет дар асоси таҷдиди тамоюли истифодаи моликияти фоидаовари шаҳр ва фурӯши бевоситаи моликияти шаҳр ба манфиати соҳибмулк, ба иҷора додани меҳмонхонаҳо ба операторон ё истифодаи имкониятҳои замонавӣ, коммерсиализатсияи чорабиниҳо дар шаҳр ва монанди инҳо; ишкишофи пойгоҳи моддӣ ва инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, такмили кори операторону агентҳои сайёҳӣ; ғайридавлатигардонии пойгоҳҳои моддии бе даромад; коркард ва амалӣ гардонидани сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи тиҷорати сайёҳатҳо ва омода сохтани барномаҳои шартномавӣ; дар рушди инфрасохтори тиҷорати сайёҳатӣ бояд сиёсати минтақавӣ коркард ва амалӣ шавад; истифодаи самарабахш ва ҳадафмандонаи моликияти давлатӣ дар таҳти назорат таъмин гардад; барои фаъолияти иттилоотӣ ва оморӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инкишофи тиҷорати сайёҳӣ барномаҳои суроғавӣ таҳия гардад; шароити рушди тиҷорати сайёҳӣ фароҳам оварда ва ба омода кардани кадрҳо мусоидат карда шавад”. (с. 140-141).

Боиси таъкид аст, ки иҷрои воқеъии вазифаҳои аз тарафи Сабуров И.М. муқаррааргардида метавонад ба рушди босуботи маҷмааи сайёҳӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон мусоидат намояд.

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия, аз тарафи уновнҷӯ хулосаҳои дақиқ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён карда шудаанд, ки ҳамаи онҳо дар натиҷаи тадқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ ба даст оварда шуда, дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Эродхо ва баъзе пешниҳодот доир ба шаклгирии диссертатсия**

Мутолиаи диссертатсияи тақризшаванда, нишон дод, ки ба дараҷаи баланди илмӣ нигоҳ накарда, он аз баъзе камбудию норасогиҳо холӣ нест. Махсусан:

1. Арзиши илмии кори диссертатсионӣ боз ҳам баланд мешуд, агар аз тарафи муаллиф таносуби содирот ва воридоти маҳсулоти сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешуд.

2. Дар доираи боби якуми диссертатсия беҳтар мешуд, агар дар асоси таҳқиқи муносибатҳои мухталиф оид ба табиати соҳаи сайёҳӣ афкори муаллиф ба таври мухтасар ва дақиқ баён карда мешуд.

3. Дар зербоби 3.1 ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд хуб мешуд, ки чунин нишондиҳандаҳои дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муоқисакунии онҳо вобаста ба минтақаҳо баҳогузорӣ карда шавад.

4. Дар амсилаи иқтисодӣ-математикии таҳия карда шуда, хуб мешуд, ки алоқаи байнисоҳавии маҷмааи сайёҳӣ бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат нишон дода шавад.

5. Муаллиф мафҳумҳои соҳавии амсиласзоии математикӣ ва афзориро дар диссертатсия ва автореферат ба забони тоҷикӣ баргардон намудааст, ки қобили дастгирист, вале хуб мебуд, агар мафҳумҳои асл ва баргардоншуда ҳамчун замима дар диссертатсия ҷой дода мешуд.

6. Диссертатсия ва автореферат як қатор хатогиҳои имлогӣ дорад.

Камбудию норасоиҳои баён шуда, ба мӯҳтавои мусбати диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва хислати тавсиявӣ доранд. Бинобар ин қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Сабуров И.М. дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаи илмӣ**

Дар маҷмуъ диссертатсияи Сабуров И.М. тадқиқоти ба итмомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди назариявӣ навишта шудааст. Оид ба натиҷаҳои диссертатсия аз тарафи муаллиф 8 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 7 мақола дар дигар маҷаллаҳои илмӣ чоп карда шудааст. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Автореферати диссертатсия қисмати асосии дисертатсияро фарогир мебошад. Диссертатсияи Сабуров И.М. ба шиносномаи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои

математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт, махсусан ба қисматҳои: 1.4, 1.9 мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Муаллифи он, Сабуров Ихтиёр Муҳидинович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мебошад.

Тақриз аз тарафи Бобоева Розиямоҳ Мансуровна - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра №7 аз 13-уми феврали соли 2023 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
кибернетика ва иқтисоди рақамии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент: О.С. Табарзода

Лоиҳаи тақризро омода кард,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Р.М. Бобоева

Котиби ҷаласа, муаллими калони
кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Ҳ.А. Ҳофизов

Имзоҳои О.С. Табарзода, Р.М. Бобоева, Ҳ.А. Ҳофизовро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Тавқиев

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Web-сайт: www.tnu.tj E-mail: info@tnu.tj
Тел: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227-15-10.
Факс: (+992-37) 227-15-10